**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзуи “Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Дар даврони соҳибистиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаммои тарбияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва фаъолнокии ҷамъиятӣ дар дарки манфиатҳои миллӣ, ташаккули ҳувияти миллӣ, эҳтиром гузоштан ба таърих, давлатдории миллӣ, рамзҳои он, шинохти дастовардҳои илмӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ аз тарафи наврасону ҷавонон ба яке аз масъалаҳои мубрам ва стратегии сиёсати мамлакат маҳсуб ёфтааст. Маҳз муҳимият ва зарурияти ин масъала тақозо менамояд, ки фаъолияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар самти тарбияи ватандӯстӣ, ташаккули худшиносиву худогоҳии хонандагон ва омода будани онҳо ба ҳифзи марзу бум пурзӯру мақсаднок ба роҳ монда шавад.

Ба муҳимият ва зарурияти муаммои мазкур аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори махсус дода шуда, қабул шудани як зумра санадҳои муҳими давлатӣ, аз ҷумла“Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон”, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026”,“Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027” далели равшан ва возеҳи он аст.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз маҳсуб будани он далолат медиҳад.

Ба андешаи мо муаллифи рисола дуруст қайд менамояд. ки таваҷҷуҳ ба тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун воситаи тарбияи шахсияти аз ҳар ҷониб рушдёфта, шаҳрванди сидқан дӯстдори Ватан, ояндасозу меҳанпараст ба соҳаи маориф дахл дорад. Аз ин ҷост, ки асоснок кардани мазмун, сохтор ва таъмини корҳои ташкилию методии тарбияи ватандӯстии хонандагон ҳам дар назария, ҳам дар амалияи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муҳим мебошад.

Диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзуи “Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи

умумӣ зимни омӯзиши “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров”, аз муқаддима, се боб, нуҳ параграф, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда,дар маҷмуъ 167 саҳифаро ташкил дода, аз 2 ҷадвал ва 1 диаграмма иборат аст.

*Дар боби якуми рисола,* ки “Тарбияи ватандӯстии хонандагон-ҷузъи таркибии тарбияи маънавӣ” ном дорад, масъалаҳои “тафсири умумии ташаккул ва тарбияи маънавии хонандагон”, “тарбияи ватандӯстӣ, вазифа ва мазмуни он дар мактаби муосир” ва “тафсири умумии таҳқиқоти солҳои охир оид ба тарбияи ватандӯстӣ” аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ амиқ ва ҳамаҷониба барррасӣ шудаанд.

*Дар боби дуюми диссертатсия,* ки «Тоҷикон» - и академик Бобоҷон Ғафуров ва моҳияти тарбияи ватандӯстии он» ном дорад, аз ҷониби муаллиф масъалаҳои «Таърихи нашри китоби «Тоҷикон», «Қисмҳои асар ва мазмуни умумии онҳо» ва «Мавқеи тарбияи ватандӯстӣ дар китоби «Тоҷикон»-ро ба риштаи таҳқиқ кашида, ҳангоми таҳлили «таърихи нашри китоби «Тоҷикон» сабабҳо, таърих ва ба чоп расидани асари зикршуда муфассал шарҳу тавзеҳ дода шудааст ва дар ин замина хулосаҳои боэътимод ва асоснок бароварда шудаанд.

*Дар боби сеюми диссертатсия,* ки «Метод ва воситаҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши «Тоҷикон» номгузорӣ шудааст, масъалаҳои «Тоҷикон» ва методҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон”, “Восита ва шаклҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши «Тоҷикон», “Меъёр ва нишондиҳандаҳои дараҷаи тарбияи ватандӯстии хонандагон” мавриди таҳқиқу озмоиш қарор гирифтааст.

Дар бахши Хулосаҳо аз тарафи муаллиф дар асоси таҳқиқи гузаронидашуда хулосаи ҷамъбастӣ бароварда шудааст ва тавсияҳои илмӣ бахри амалӣ гардидани натиҷаҳои таҳқиқот коркард шудаанд.

Ҷолиби қайд аст, ки аз тарафи Суриева Шакармо Чоршанбиевна оиди ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ-назариявӣ марбут ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддии назариявӣ гузаронида шудааст.

Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии корҳои озмоишӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола басо дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шудааст аз моҳияти баланди арзишманди илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзуи “Тарбияи

ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомномаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”- и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) шоиста аст.

Номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони
кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи
иқтисод ва савдои Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Насриддинова Майсара Муйдиновна

Суроға: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиебони Исмоили Сомонӣ 169. Тел: (+992) 928351611 E-mail: maisaranasriddinova@gmail.com

*Имзои М.М.Насриддиноваро тасдиқ менамоям.*

*Сардори шӯъбаи кадрҳои Донишкадаи
иқтисод ва савдои Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон* *Маҳмудов Ш.У.*

20.02.2024с.